# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Маликов Абдулвохид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» ба таҳлилу баррасии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз нуқтаи назари муқоиса бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ ба он асос меёбад, ки сифатҳои аслӣ ва таҳқиқи онҳо яке аз бахшҳои ҷолиб ва нисбатан камомӯхташуда маҳсуб ёфта, асрори нуҳуфтае дорад, ки дар сурати омӯзиши амиқи он табиат, моҳият, вижагиҳо ва умумияти онҳо дар забонҳои низомашон гуногун ошкор гардидааст. Дар диссертатсияи мазкур яке аз масъалаҳои таҳқиқи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, яъне хусусиятҳои умумӣ ва хоси сохторӣ-грамматикӣ ва луғавию маъноии сифатҳои аслии забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ шудаанд.

Таҳлил ва ташреҳи адабиёти илмӣ ишора бар он мекунад, ки мавзуи мазкур то ҳол дар шакли муқоисавӣ , махсусан дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, муайян гаштани хусусияти типологии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ навгонии илмии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсионии Маликов А. Р. аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар мукаддима диссертант мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, мақсаду вазифа, объекту предмет, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти амаливу назарии таҳқиқотро тавзеҳ додааст.

**Дар боби якуми** рисола «Заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ» хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» унвон дошта, дар он сохтори семантикӣ-морфологии сифат, дараҷаҳои сифат, ба воситаҳои гуногун ифода гардидани дараҷаи сифат дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия ба «Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» бахшида шудааст. Муаллиф ин бобро аз таснифу гурӯҳбандии нақши сифат дар забонҳои муқоисашаванда ва тафовути онҳо оғоз намуда, бозтоби ҳар як намуди ҷумларо дар шакли муқоисавӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллифи рисола тавонистааст, нақши сифатро дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

Масъалаи таҳқиқи сифатҳои аслӣ яке аз масъалаҳои мубрами омӯхтанашуда маҳсуб меёбад. Диссертант ин масъаларо дар рисолаи хеш таҳлил намуда, манбаҳои асосии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикию фаронсавиро нишон дода, онҳоро бо мисолҳо асоснок намудааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар раванди таҳқиқ Маликов А. Р. дар тавсеаи андешаҳои хеш пайваста аз мисолҳо истифода мебарад, ки бо ин роҳ навиштаҳояшро асоснок намудааст.

Ҳамчунин дастгоҳи илмии таҳқиқот дар фишурдаи диссертатсия ба меъёру талаботҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз дастовардҳо дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳое ҷой доранд, ки аввалан ислоҳпазир буда, сониян зикр ва ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни корро меафзояд:

1. Ҳангоми овардани мисолҳо аз адабиёти бадеӣ на ҳамаи мисолҳои овардашуда таҳлилу баррасӣ шудаанд.

2. Дар шароити кунунӣ инъикоси маводи мавриди таҳлил дар шакли диаграмма, таблитса ва ҷадвалҳо яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ

мегарданд. Агар ин масъала дар оянда ба инобат гирифта шавад, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Хулоса қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои фишурда низ бо рисолаи илмӣ пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

«Имзои Бобоева Мадина Маруфовнаро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М. Осимӣ Шарипова Д. А.

«11»_04_2023